# СУРАТМАҶЛИСИ №31

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

19 июни соли 2021. ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Низомов Самариддин Фахриевич | д.и.и., 08.00.12 |
| 2. | Шарифов Зариф Раҳмонович | д.и.и., 08.00.12 |
| 3. | Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | д.и.и., 08.00.12 |
| 4. | Қурбонов Абдулхаит Каримович | д.и.и., 08.00.12 |
| 5. | Калемуллоев Мунир Воҳидович | н.и.и., 08.00.12 |
| 6. | Шобеков Мирзобек | н.и.и., 08.00.12 |
| 7. | Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич | н.и.и., 08.00.12 |
| 8. | Тоҳирова Раҷабмоҳ Сафаровна | н.и.и., 08.00.12 |
| 9. | Содиқов Содиқ Иброҳимович | н.и.и., 08.00.12 |
| 10. | Боҳирова Хадича Солеҳҷоновна | н.и.и., 08.00.12 |
| 11. | Мирзоев Сайали Сайвалиевич | н.и.и., 08.00.12 |
| 12. | Ҳайдаров Алишер Ҷурабоевич | н.и.и., 08.00.12 |

**Раиси Шӯро:** Оид ба оғози кори шӯро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори шӯро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдорӣ он, ки кори шӯро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 15 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.07.2019, фармони №166 тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд. Тибқи банди 36 “Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «26» ноябри соли 2016, №505) роҳбари илмии унвонҷӯ, ки агар раиси шӯрои диссертатсионӣ бошад, ҳуқуқи бурдани ҷаласаро надорад. Хотиррасон менамоем, ки ҷонишини раиси Шӯро профессор Уроқов Д.У. дар қайди ҳаёт нестанд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки бурдани ҷаласа ба зиммаи яке аз аъзои собиқадори Шӯро вогузор карда шавад. Чи таклиф ҳаст?

Калемуллоев М.В. пешниҳод намуд, ки пешбурди ҷаласа ба зиммаи н.и.и., дотсент Шобеков М. вогузор карда шавад.

**Раиси Шӯро:** Пешниҳоди Калемуллоев М.В.-ро ба овоздиҳии ошкор мегузорем. Ки тарафдори он ки ҷаласаи имрӯзаро дотсент Шобеков М. роҳбарӣ намояд, хоҳишмандам мавқеи худро муайян намоед:

Тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф нест.

**Раиси Шӯро:** Муҳтарам Шобеков М. раисии ҷаласаро ба уҳда гиред.

**Раисикунанда:** н.и.и., дотсент Шобеков М.:

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ташхиси пешакӣ қабул намудани диссертатсияи Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор.

Баромад намуданд: раиси шӯрои диссертатсионӣ д.и.и., дотсент Низомов С.Ф., аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Қурбонов А.К., д.и.и., профессор Шарифов З.Р., н.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А., н.и.и., дотсент Тоҳирова Р.С., н.и.и., дотсент Содиқов С.И.

**Қарор кард:**

1. Комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Бобиев Исмоил Атоевич дар мавзӯи «Ташаккули баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои саноати энергетика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст, таъмин карда шавад.
2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. - аъзои шӯрои диссертатсионӣ;
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Калемуллоев М.В- аъзои шӯрои диссертатсионӣ;
- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Тоҳирова Р.С – аъзои шӯрои диссертатсионӣ;

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор -12 нафар, муқобил? – нест, бетараф? – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раисикунанда**
**н.и.и., дотсент** **Шобеков М.**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ**
**н.и.и., дотсент** **Мирзоев С.С.**